# Таҳкими сулҳу субот – омили ҳастии миллат вобаста ба филми ҳуҷҷатии «Бешарафӣ» (Хиёнат, қисми 7)

Submitted by Ҳайати тадорукот on 25 January, 2021 - 11:56

[1]

Имрӯз 21-уми январи соли 2021, соати 1600 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи «Таҳкими сулҳу субот – омили ҳастии миллат» вобаста ба филми ҳуҷҷатии «Бешарафӣ» (Хиёнат, қисми 7) баргузор гардид, ки дар он раиси Кумита, муовини раис, сардорон, мудирон ва кормандони Кумита иштирок намуданд.

Дар оғоз раиси Кумита тамоми иштирокдоронро ба мизи мудаввар хайра мақдам намуда, оид ба мазмуну муҳтавои филми ҳуҷҷатии «Бешарафӣ» (Хиёнат, қисми 7) маълумот дода, аз

ҷумла баён намуданд, ки филми мустанади «Бешарафӣ», ки тавассути шабакаҳои телевизиони кишвар намоиш дода шуд, дар асоси далелҳои раднашаванда, шоҳидии иштирокчиёни ҳодисаҳо ва маълумоти бойгонӣ омода шудааст ва ҳамагон аз муҳтавои ин филм огоҳ гаштанд.

Гарчанде ҳамагон аз таърихи хиёнаткориҳои ташкилоти террористию экстремистии собиқ Ҳизби наҳзати исломӣ огоҳ ҳастанд, бо тамошои филми мазкур бори дигар нафрати ҳар як фарди бонангу баномус нисбат ба ин ташкилоти тундгарою ифротӣ зиёд мегардад. Дарвоқеъ, аз оғози филм мушоҳида мегардад, ки таҳиягарони он нахуст мардуми шарифи кишварро ба шукргузориву расидан ба қадри тинҷиву осудагӣ ва истиқлоли миллӣ даъват мекунанд, ки амри саривақтӣ ва муҳим маҳсуб меёбад.

Бояд ҳар як насли солиму бофарҳанги ҷомеа  фирефтаи доми хоинони ватанбезор ва хоҷагони хориҷӣ нашуда, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, худ ва дигаронро дар рӯҳияи ватандӯстиву меҳанпарастӣ, инсондӯстӣ, бомаърифативу бомаданиятӣ тарбия намуда, мунтазам барои созандагиву бунёдкорӣ ва осудагии миллат кӯшиш намоянд. Баръакси ҳамин ҳолатро дар аъмоли Муҳаммадиқболи Садриддин писари мулло Қаландар мебинем, ки ҳадди инсонии худро аз даст дода, нисбат ба Ватан хиёнатҳо мекунад.

Дар баробари ин хуруҷи COVID-19 ва кӯшишу талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи пешгирӣ аз паҳншавии бемории сироятии коронавирус шоистаи таъкиду зикр ва таҳсин мебошад. Хушбахтона, ин кӯшиш ва талошҳои давлату Ҳукумат дар ҷодаи солимгардонии аҳолӣ хеле назаррас мебошад.

Баъдан, сардори шуъбаи танзими истилоҳот ва мудири бахши экспертизаи забоншиносӣ фикру мулоҳизаҳои худро вобаста ба филми мазкур баён намуданд. Дар охир суҳбати озод сурат гирифта, саволҳои марбут ба филми мазкур баррасӣ шуданд.
Мизи мудавварро раиси Кумита доктори илми филология – Муҳаммадҷонзода Олимҷон ҷамъбаст карда, ба ҳамаи ҳозирин ва дар маҷмӯъ Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу салоҳ ва тансиҳатӣ орзу кард.

**Content rating:** 4

Average: 3.7 (3 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/6713

**Links**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/20210121_164616.jpg [2] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20210121_164600.jpg [4] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20210121_164616.jpg [5] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20210121_164644.jpg [6] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20210121_164736.jpg